# Издивоҷи мутъа аз дидгоҳи Аҳли Суннат

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية]

Абдурраҳмони Фаромарзӣ

2011 - 1432

IslamHouse.com

# ﴿ زواج المتعة عند أهل السنة والجماعة ﴾

«باللغة الطاجيكية»

عبد الرحمن فرامرزي

2011 - 1432

IslamHouse.com

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

# Издивоҷи мутъа аз дидгоҳи Аҳли Суннат

мунoқишаи илмӣ ва радди муфассал

## МУҚАДДИМА

Санову ситоиш ба парвардигори якто, ки тарбиятгари оламиён аст ва дуруду салом ба пешвои Ислом Муҳаммади хайрул аном ва бар олу асҳоби киром.

Аз таъсирҳои манфии иҷтимоӣ, ки имрӯз аз ҷониби мубаллиғони равияи ташайюъ байни ҷавонони мухлису боиффати диёри мо таблиғ мегардад, ҳамон равосозии мутлақи ҷинсӣ аст, ки бар хилофи нишондодҳои шариати мутаҳҳар

буда созгори ахлоқи боҳаёи мардуми мусалмони диёри мо нест. Мақсуд аз нашри ин падидаи нохуш, фирефтани ҷавонон дар марҳилаи туғёни нафсу шаҳват ва аз ин роҳ интишор додани ақоиди мунҳарифи хеш байни онон аст. Чун ба гӯши шахси ҷавон дар ин марҳилаи ҳаёташ иҷозаи ҳама ашколи шаҳватронии ҷинсиро хонда мешавад, қудрати муқовимат аз ӯ салб гашта бе ихтиёр дар доми муътақадоти беасли онон ғӯтавар мегардад.

Имрӯз дар кишвари азизамон ҳар мусалмоне ташнаи омӯзиши Ислом ва огаҳӣ аз таолими он аст. Мутаассифона, бинобар дастрас набудани масодир ва китобҳои Исломӣ, аз ин фурсат гурӯҳҳое

аз равияҳои мухталифи ҷаҳони муосир сӯъистифода мекунанд ва дар роҳи нашри мӯътақадот ва афкори мухолифи хеш ҳама гуна васоилро ба кор мебаранд ва дар ҳақиқат тавонистанд қисме аз ҷавонони ноогоҳро ба доми худ афкананд.

Бинобар ҳирси банда ба ҳифзи ваҳдату як эътиқодии мусалмонони диёрамон, қалам ба даст гирифтам, то ҳар падидаи носолимеро, ки аз хориҷ талаққӣ мегардад ва бар манҳаҷи аҳли суннат ва ҷамоат, ки саҳеҳтарин мазоҳиби Ислом аст, мухолифат мекунад, таҳқиқу баррасӣ намуда пешкаши ҳамватанон созам, то бар солимияти равиши худ итминон ҳосил кунанд ва аз ҳама гирдобҳои шубҳаву шаҳавот барканор монанд.

Абдураҳмони Фаромарз

# ИЗДИВОҶИ МУТЪА

«Гурӯҳе аз умматони ман дар охируз-замон зиноро ба ғайри номаш мехонанд» (Ҳадиси шариф)

Издивоҷи мутъаро инчунин издивоҷи муваққат, мунқатеъ ва сиға меноманд. Аз он сабаб мутъа номида шудааст, ки мард аз он зан дар муддате, ки қарор бастаанд, нафъу лаззат ва таматтӯъ мебардорад.

Мутъа ҳангоми мубоҳ буданаш дар аввали амр издивоҷе буд маҳдуд ба замони муайян. Дар он меросе набуд. Интиҳои он бо поён ёфтани муддати таъйиншуда буд, бе талоқ.

Асли изни муваққатӣ ба издивоҷи мутъа дар ибтидои Ислом ин буд, ки он ҳангом

адади мусулмонон кам буд ва бинобар фишорҳои паиҳами душманон, ҳаркас наметавонист таклифаҳои ҳамсардорӣ ва оиларо бардошт кунад. Ҳолати иқтисодии онон ба дараҷае поён буд. Сониян онҳо нав ба Ислом гаравида буданд ва одатҳои ҷоҳилонаи худро, ки ба шаҳватронии ҷинсӣ ягон ҳаддеро қоил набуд, тарк карда буданд. Табиати башарӣ ҳукми худро дорад ва ҳолати бади молӣ низ ҳукми худро дорад. Ба зарурати набардҳо аксари лашкариён ҷавонон буданд. Барои он ҷавонон муқовимат бо табиати башарии хеш мушкил буд ва наметавонистанд издивоҷи доимӣ барпо созанд. Дар он ҳол талаб кардан аз онон, ки шаҳавоти худро

бо рӯзадори заъиф созанд, ҳикмате надошт. Зеро шахси ҷанговарро заъифу нотавон гардонидан бар хилофи талаботи набард аст. Он ҳангом шариат бо мадди назар ба ҳама ҳолоти шадиди онон, муваққатан издивоҷи мутъаро мубоҳ гардонида буд, то аз онон сахтиҳо рафъ гардад ва мушкилоти издивоҷ ҳалли худро ёбад. Дере нагузашта аз он наҳй кард ва такроран бар наҳйи он исрор ва пойфишорӣ намуд.

Қоидаҳои дини Ислом зиноро қабеҳтарин ҷарима мешуморад ва ҳама роҳҳоеро, ки гумони ба зино наздик шуданро дорад масдуд сохтааст. Каломи Худованд баёнгари ин аст:

وَلَا تَقۡرَبُواْ ٱلزِّنَىٰٓۖ إِنَّهُۥ كَانَ فَٰحِشَةٗ وَسَآءَ سَبِيلٗا ٣٢ [الإسراء: ٣٢]

«Ба зино наздикӣ накунед, ки он амали фаҳш ва роҳи баде аст» (Сураи Исро; 32)

Дар ҳадис низ қабоҳати он таъкид шудааст:

«Ҳангоме, ки шахси зинокор зино мекунад, ӯ муъмин нест».

Ҳамин гуноҳ барои зинокор басанда аст, ки бо ин амали қабеҳаш бо шикастани ҳама гуна ҳудуди шарму ҳаё шарафу номӯси дигареро поймол мекунад ва ба низоми наслу насаб халал ворид мекунад. Инчунин дигар зиллату разоилеро ба бор меоварад, ки Ислом ба шиддат аз он наҳй кардааст. Ислом дар роҳи мубориза алайҳи зиногарӣ дар худи қарни нахуст ба ҳадаф мерасад ва ин падидаи палидро

решакан месозад. Ислом тавонист он арабҳои саҳронишин ва ваҳшитабиатро бо татбиқи тарбиявӣ ва зина ба зинаи ахлоқӣ ба дараҷаи волои ахлоқҳои ҳамида расонад, ки башар орзӯи онро дорад.

Раво будани мутъа дар ибтидо низ амали тадриҷӣ барои наҷот додани ҷомеа аз палидии зино буд, ки бо аз байн рафтани он, ба мутъа низ эҳтиёҷе намонд, мансух гардид ва ба он мӯҳри ниҳоии «ҳаром то ба рӯзи қиёмат» зада шуд.

Издивоҷи мутъа ба иттифоқи ҳар чаҳор мазҳабҳои аҳли суннат, ҳанафиву моликӣ ва шофеъиву ҳанбалӣ ва ба иттифоқи тамоми мазхабҳои мухталифи Ислом

ҳаром аст, ба ҷуз шиа, ки онро ҳалол медонанд.

## МУТЪА ДАР НАЗАРИ ШИА

Шартҳои издивоҷи мутъа дар назди шиа:

- Сиға. (лафзи «бо ту мутъа мекунам»)
- Додани мол ба ивази мутъа, агарчи як каф ҷав бошад.
- Муддат, ки бо тамом шудани он аз ҳам ҷудо мешаванд .

Вале аз ривоёти китобҳои муътабари онон бармеояд, ки мутъа дар назари шиа иттифоқи сиррӣ кардани зану мард аст ба анҷоми фоҳиша, бе ягон қайду басту шаръӣ.

Яке аз уламои намоёни шиа аллома Тӯсӣ дар китоби «Ал-ниҳоя», ки дар назари шиа муътабар аст, менигорад: «Ҷоиз аст мутъа кардан бо зан, бе иҷозати валӣ

(падараш), бе шоҳид ва бе эълон.» (Ал-ниҳоя, саҳ:490)

Ҷаъфар фармуд: «Боке нест мутъа кардан бо духтари бокира, бе иҷозати падараш.» (Таҳзиб-ул-аҳком, с:254)

ШИА МЕГӮЯД: «БЕ ИҶОЗАТИ ПАДАРАШ...»

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«Ҳар зане, ки ӯро валӣ (падар)-аш никоҳ накунад, пас никоҳи ӯ ботил аст, ботил аст, ботил аст.» (Абу Довуд, китоби никоҳ, 2083. Тирмизӣ, никоҳ, 1102. Ибни Моҷа, никоҳ, 1879)

Шиа ривоят мекунад, ки Абуабдуллоҳро суол карданд доир ба марде, ки издивоҷи

мутъа кардааст, бе шоҳид. Онро иқрор карду гуфт: Оре! (Фурӯъи Кофӣ, с:249(

ШИА МЕГӮЯД: «БЕ ШОҲИД...»

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: «Никоҳ ҷоиз нест бе валӣ ва бе ду шоҳиди адл.» (Сунани Дорқутнӣ, 3/225,26,27).

Дар ҳадиси дигар мефармоянд: «Танҳо фоҳишаҳои зинокоранд, ки худро бе шоҳидҳо никоҳ мекунанд.» (Тирмизӣ, 1103, 1104)

Ҳайсамӣ аз Абу Ҳурайра ривоят мекунад: «Мо занеро, ки худашро издивоҷ мекунад, зинокор меҳисобидем.» (Маҷмаъ-уз-завоид, 4/286)

ШИА МЕГӮЯД: «БЕ ЭЪЛОН»... (Ал-ниҳоя,с:490)

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: «Никоҳро эълон кунед!» (Сунани Ибни Моҷа, к. никоҳ, 1895).
Инчунин мегӯянд: «Ҷудо кардан байни ҳалол ва ҳаром дар никоҳ даф ва баланд кардани овоз аст» (Бухорӣ, 4001. Абу Довуд, 4922. Тирмизӣ, 1088. Ибни Моҷа,1895)

Дар мазҳаби онон мутъа кардан ҷоиз аст бо ҳар зане, ки иттифоқ афтад, агарчи зинокор ва фоҷира бошад.
Худи Тӯсӣменигорад: «ҶОИЗ АСТ МУТЪА КАРДАНИ МАРД БО ЗАНИ ФОҶИРА.» (Ал-ниҳоя, саҳ:490)

Ин як ақидаи қадими шиъиён нест, ки аз байн рафта бошад. Шахсияти барҷастаи шиъиёни имрӯз Оятуллоҳи Хумайнӣ мегӯяд: «ҶОИЗ АСТ МУТЪА КАРДАН БО ЗАНИ ЗИНОКОР.» (Таҳрир-ул-васила, с:292, чопи Қум).

Ривояти дигар аз китобҳои муътабари онон:

Исҳоқ ибни Ҷарир гуфт: «Ба Имом Абуабдуллоҳ гуфтам, ки назди мо дар Кӯфа занест, маъруф ба фоҳишакорӣ, оё бар ман равост, ки бо ӯ мутъа кунам? Гуфт: Оё бар дараш эълон зада аст? Гуфтам: Агар эълон занад, (ки ин хонаи фоҳиша аст) султон ӯро мегирад. Гуфт: Оре, мутъа кун! Сипас Имом ба сӯи баъзе аз ғуломон, ки озодашон карда буд, чизе

гуфт. Аз он пурсидам, ки Имом ба ту чӣ гуфт? Ӯ гуфт: Имом фармуд, ки агарчи он зани фоҳиша бар дараш эълон зада бошад ҳам, бо ӯ мутъа кардан боке надорад, зеро ӯро аз ҳаром ба сӯи ҳалол мебарорад.» (Васоили шиа, 14/455. Таҳзиб-ул-аҳком, 2/249).

Оё ровиёни ин ахбор боре ҳам Қуръон ба даст нагирифтаанд ва ин қавли Худовандро қироат накардаанд, ки бар хилофи гуфтаҳои онон тасреҳ мефармояд:

وَٱلزَّانِيَةُ لَا يَنكِحُهَآ إِلَّا زَانٍ أَوۡ مُشۡرِكٞۚ وَحُرِّمَ ذَٰلِكَ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ۝٣ [النور: ٣]

«Зани зинокорро никоҳ кардан ҷоиз нест, магар барои марди зинокор ва ё марди мушрик. Издивоҷи зани зинокор барои

мӯъминон ҳаром карда шудааст.» (Сураи Нур-3)

Абу Марсад Расули Худоро пурсид, ки оё иҷозат медиҳед, ки бо Аноқ, ки зани зинокор аст, никоҳ кунам? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) сукут кард, сипас ин оят (ояти мазкур) нозил шуд. Маро ба наздаш хонд ва ин оятро қироат карду гуфт: «Он занро никоҳ накун!» (Абу Довуд, 2051. Тирмизӣ, 3177. Насоӣ, 3228).

Ин аст, ки Аллома Олусӣ мегӯяд: «Ҳар кӣ ба аҳволи рофиза (шиа) дар мутъа назар кунад, барои ҳукм кардан ба зиногар будани онон мӯҳтоҷи далеле нест. Зеро аз нигоҳи онон, як зан бо кадом марде хоҳад, бо номи мутъа, бе никоҳу шоҳид ва бе эълону валӣ зинокорӣ мекунад ва ба

ивази он пулу мол ба даст меорад. Лаънати Худо бод бар муфсидон, ки чунин амали зиштро бо номи дин анҷом медиҳанд.»

Пайравони ин равия мардону занони мӯъминро бо таҳдид ва ё тарғиб ба сӯи ин фоҳишагарӣ даъват мекунанд ва онро яке амалҳои бо фазилати дин қаламдод мекунанд.

Дар ривоёти зиёди онон омадааст, ки мутъа ибодати бофазилате мебошад. Дар ин маврид ба паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳадиси бофтаеро нисбат медиҳанд: «Ҳар кас як бор мутъа кунад, пас дараҷаи ӯ мисли дараҷаи Ҳусайн мегардад, ду бор... дараҷаи Ҳасан, се бор... дараҷаи Алӣ, чор бор мутъа

кунад, пас дараҷаи ӯ мисли дараҷаи ман аст». (Тафсири «Манҳаҷ-ус-содиқин» саҳ, 356.)

Барои ташвиқ ба ин фоҳиша ягон даре намонд, ки накушоянд. Ҳар кӣ китобҳои ононро дар ин мавзӯъ мутолиъа кунад, ба хубӣ дарк мекунад, ки ин ҳадисбофон ашхосе шаҳватпарастанд, ки мехоҳанд бо ин роҳ занони мӯъминаро ба фасод кашанд ва бо онон ишратронӣ кунанд.

Аз ҷумлаи ривоятҳои бурдурӯғи онон дар тарғиби он: «Дар издивоҷи мутъа ба ҳар калимае, ки мегӯянд, аҷр навишта мешавад. Ҳаргоҳ ба сӯи он зан даст дароз мекунад, аҷр навишта мешавад. Ҳаргоҳ ғусл карданд... гуноҳони онон шуста мешавад, ба адади ҳар як мӯй.» (Наузу

биллоҳ!) (Васоили шиа, 14/442. Ман ло яҳзуруҳул фақеҳ, 2/151).

Аз ҷумлаи ривоёти бардурӯғи онон дар тарҳиб (тарсонидан аз тарк)-и мутъа: «Ҳар кӣ аз дунё дар ҳоле реҳлат кунад, ки мутъа накарда бошад, рӯзи қиёмат дар ҳоле бармехезад, ки гӯшу бинии ӯ бурида бошанд.» (Тафсири «Манҳаҷус-содиқин» саҳ:356).

Шиа бо ин иктифо накарда, амали ливот бо занонро низ раво медонанд ва ривоятҳои бардурӯғеро ба имомҳо нисбат додаанд. Бинобар орӣ будани он ривоятҳо аз шарму ҳаё аз зикри он худдорӣ мекунем.

Хумайнӣ ин ривоётро хулоса карда фатво медиҳад: «ҚАВЛИ ЗОҲИР ВА ҚАВӢ ИН

АСТ, КИ АЛОҚА БО ЗАН АЗ ПАСИ ӮҶОИЗ АСТ.» (Таҳрир-ул-васила: 2/241).

Ин сурат аз фаҳш ва раводонии ҳама анвоъи он шабеҳи равияи хуррамӣ аст, ки пайравони Маздак ва Бобак буданд. Агар инро ба озодии ҷинсии урупоӣ низ қиёс кунем, шояд хато накунем.

Ривоятҳои кутуби шиа дар ин мавзӯъ бо оёти қуръонӣ сароҳатан мухолифат мекунанд:

وَلَا تَقْرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطْهُرْنَ ﴿٢٢٢﴾ [البقرة ٢٢٢]

«Бо занон наздикӣ, яъне ҷимоъ макунед, то он ки аз ҳайз пок шаванд». (Бақара; 222)

Агар наздикӣ бо зан дар дубур ҷоиз мебуд, Худованд амр мекард, ки аз фарҷ дурӣ ҷӯед! Бинобар он, ки наздикӣ аз

дубур низ ҳаром аст, мутлақан фармуд: «Бо занон наздикӣ макунед»

Сипас Худованд фармуд, ки мард чӣ гуна бояд ба занаш наздик шавад:

فَإِذَا تَطَهَّرۡنَ فَأۡتُوهُنَّ مِنۡ حَيۡثُ... ﴿٢٢٢﴾ [البقرة ٢٢٢]

«Ҳаргоҳ занон пок шуданд, наздик шавед ба онон аз ҳамон роҳе, ки Худованд амр кардааст».

Ва инчунин мефармояд:

نِسَآؤُكُمۡ حَرۡثٞ لَّكُمۡ فَأۡتُواْ حَرۡثَكُمۡ أَنَّىٰ شِئۡتُمۡۖ ... ﴿٢٢٣﴾ [البقرة ٢٢٣]

«Ҳамсарони шумо барои шумо киштзоранд, ҳар тавре, ки хостед, метавонед ба киштзори худ наздик шавед».

Худованд дастур дод, ки танҳо аз киштзор истифода кунанд ва киштзор

ҳамон ҷоест, ки аз он умеди фарзанд бурда мешавад, илова бар он, ки ҳар ду зану мардро розӣ мекунад.

Ҳикмати дигар аз наҳйи дубур он аст, ки агар мардон худашонро аз дубур розӣ намоянд ва роҳи талаби фарзандро тарк кунанд, насли башарият қатъ мегардад.

Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ин амали зишт манъ фармудаанд:

«Худованд назар намекунад ба сӯи марде, ки бо занаш аз дубураш ҷимоъ кунад». (Абу Довуд, 2162. Ибни Моҷа, 1923)

Ривоёте, ки алоқа аз дубурро раво медонад, бофташудаву дурӯғанд, тавре ки дар оёт ва аҳодис аз он наҳй ворид шудааст ва далели дигар ин аст, ки дар

ривоёти китобҳои онон низ аз он наҳй шудааст:

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Дубурҳои занони уммати ман бар мардони умматам ҳаром аст». (Ман ло яҳзуруҳул фақеҳ, ҷ.,3, с. 468, к: Никоҳ)

Бо ҳамаи ин иктифо накарда ривоётеро бофтаанд, ки ба раво будани зинои маҳз далолат мекунад:

«Зане назди халифа Умар омаду гуфт: Маро пок соз, ки ман зино кардам. Амр кард, ки сангсораш кунед. Аз ин ҳол Алӣ бохабар шуду пурсид: Чӣ тавр зино кардӣ? Он зан гуфт: Ба саҳро мерафтам, ки дар роҳ сахт ташна мондам. Аз марди аъробие об дархост кардам. Ӯ об надоду

талаб кард, ки агар ба ӯ иҷоза диҳам, ки бо ман амали фаҳш анҷом диҳад, об хоҳад дод. Ташнагии ман сахт буду бар худам тарсидам ва ба ӯ иҷоза додам, ки бо ман он кунад, ки хоста буд. Пас маро об дод. Амирул мӯъминин гуфт: Ин зино нест издивоҷ аст!» (Фурӯъи кофиӣ, 2/48. Васоили шиа, 14/471).

Маълум аст, ки мутъа ҳатто дар назари шиа бо ризояту хушнудии тарафайн анҷом мегирад, вале дар ин ривоят зани ташна ба хотири нӯшидани об ба чунин амали зишт ва танфурӯшӣ роҳ медиҳад. Пас инро низ наметавон қабул кард, ки он ҷуз зино чизи дигаре бошад. Ин амали шанеъро на шариати Исломӣ иҷозат медиҳад ва на дигар динҳои осмонӣ.

Балки он ҳатто дар асри имрӯз аз тарафи фосидтарин ҷомеаи башарӣ низ маҳкум мегардад.

Онҳо ин амали фаҳшро, ки бо номи дин тарғиб мекунанд, махсус ба ҳаммазҳабони худ надониста васият мекунанд: «Мутъа кардан бо занони аҳли суннат фазилати бузургтар дорад». ӯъи кофӣ, 2/44).(Васоили шиа, 14/452. Фур

Ҳатто мегӯянд: «Мутъа кардан бо занони яҳудӣ ва насронӣ равост.» (Таҳзиб-ул-аҳком, 2/188. Ман ло яҳзуруҳул фақеҳ, 2/148. Васоили шиа, 14/452).

Инчунин: «Боке нест, ки бо маҷусӣ мутъа кунад.» (Ал-истибсор, ҷ:3, с:144)

Шакке нест, ки ин ривоёт бӯҳтон ва тӯҳмат аст, ки ноҳақ ба имомони аҳли

байт нисбат дода шудааст ва далели он ин аст, ки ягон ривояте ворид нашудааст, ки касе аз он имомон мутъа карда бошад ва ё фарзанди яке аз онон аз мутъа таваллуд шуда бошад, на дар китобҳои аҳли суннат ва на дар китобҳои шиа. Бо вуҷуди он, ки дар китобҳои таърих ва ансоб аҳволи ҳамаи занони онон муфассалан мазкур шуда аст, бо ному насаб ва адади фарзандонашон.

Ҳақиқат ин аст, ки он имомони поксиришт, ки аз новагони паёмбари гиромӣ буданд, ин амали зиштро бар худ ва пайравонашон ҳаром мешумориданд.

## СУБУТИ ТАҲРИМИ МУТЪА

Ботил ва ҳаром будани ин тарзи издивоҷро бо овардани далелҳо аз Қуръону ҳадис, каломи саҳобагону дигар уламои Ислом ва далелҳо аз китобҳои ҳанафӣ исбот намуда, хулосаи он далелҳоро бо баҳси илмӣ анҷом медиҳем. Субути ҳаром будани онро дар китобҳои шиа ба тафсил баён мекунем ва бо овардани далелҳои ақлӣ ин рисоларо хотима мебахшем.

Далелҳо ба таҳрим (ҳаром будан)-и мутъа ба тариқи зайл аст:

## 1. ТАҲРИМИ МУТЪА ДАР ҚУРЪОН ОЯТИ НАХУСТИН:

وَمَن لَّمۡ يَسۡتَطِعۡ مِنكُمۡ طَوۡلًا أَن يَنكِحَ ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ فَمِن مَّا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُم مِّن فَتَيَٰتِكُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۚ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِإِيمَٰنِكُمۚ بَعۡضُكُم مِّنۢ بَعۡضٖۚ فَٱنكِحُوهُنَّ بِإِذۡنِ أَهۡلِهِنَّ وَءَاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ بِٱلۡمَعۡرُوفِ مُحۡصَنَٰتٍ غَيۡرَ مُسَٰفِحَٰتٖ وَلَا مُتَّخِذَٰتِ أَخۡدَانٖۚ... ﴿٢٥﴾ [النساء ٢٥]

«Ва ҳар кӣ аз шумо бо вуҷуди хоҳиши издивоҷ натавонад, ки мӯъминазанҳои озодро ба никоҳ дароварад, пас бо канизакони мӯъмина издивоҷ кунад! Ҳама аз якдигаред. Пас бо иҷозати валӣ ва сарпарастон бо онҳо издивоҷ кунед ва маҳрҳояшонро ба тарзи писандида ба онон бидиҳед, дар ҳоле, ки покдоман бошанду палидкор набошанд ва пинҳонӣ

бо касоне дигар ишқбозӣ накунанд!» (Сураи Нисо: 25)

Дар ин оят сароҳатан баён мегардад, ки шахсе, ки қодир ба издивоҷ нест, танҳо ягона роҳ барои ӯ издивоҷ бо каниз аст ва агар онро ҳам натавонад, пас сабрро пеша кунад, ки ин ба ботил будани издивоҷи мутъа далолат мекунад. Зеро агар мутъа ҳалол мебуд, инҷо Худованд ба ононе, ки қодир ба зангирӣ нестанд, иҷозаи мутъаро медод, ки он осонтарин роҳи ҳал аст, ки шахс дар ҳар шароите метавонад ба он дастрасӣ дошта бошад.

## ОЯТИ ДУВВУМ:

Аммо ончи аз қироати Ибни Масъуд истидлол меоранд:

فَمَا ٱسْتَمْتَعْتُم بِهِۦ مِنْهُنَّ فَـَٔاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ فَرِيضَةًۚ ...﴿٢٤﴾ [النساء
[٢٤

«Пас, ба ивази ончи аз занонатон баҳра бурдед, ба онон муздҳо, яъне маҳрҳояшонро бидиҳед». (Нисо: 24)

Дар қироати Ибни Масъуд лафзи «ило аҷалин мусаммо» зиёдат омадааст, ки он шоз ва мухолифи ривоятҳои мутавотир аст. Агар фарз кунем, ки он нозил шуда аст, пас нузули он замоне буд, ки мутъа ҳалол буд, вақте мутъа ҳаром шуд, пас он мансух шуд ва ҳукми фарзияти маҳр дар никоҳи доимӣ собит монд. Оят ишора ба замони гузашта, ба ибтидои Ислом мекунад, ки он вақт мутъа мубоҳ буд, бо лафзи « баҳра бурдед». Зеро агар он ҳукм ба оянда низ тааллуқ медошт, бояд бо

сиғаи замони оянда « баҳра мебаред» зикр мешуд.

Хулосаи калом ин аст, ки қироати Ибни Масъуд мақбул нест. Қуръон машҳур аст, дастраси ҳамагон аст, ҷамии мазоҳиб ба иттифоқ онро қабул кардаанд ва Худованд ба ҳифзи он кафолат додааст. Дар Қуръон чунин лафз вуҷуд надорад. Пас истидлол аз он мардуд аст, зеро он на Қуръон аст ва на ҳадис ва амал ба он ҷоиз нест.

Оят далолат мекунад, ки агар мард бо зани никоҳкардаи худ лаззат барад, яъне алоқаи ҷинсӣ кунад, пас пардохтани маҳр ба ӯ фарз мегардад. Ба хилофи зане, ки бо он омезиш накарда талоқ дода бошад, ки дар ин сурат нисфи маҳрро мепардозад.

Фарз будани додани маҳр, чунончи дар оят зикр шуд, махсуси издивоҷи муваққат нест, балки дар издивоҷи доимӣ низ маҳр фарз аст. Ин оят ҳам ба тариқи хусусӣ ва ҳам умумӣ ба никоҳи доимӣ далолат мекунад.

Чизи дигаре, ки ба гуфтаи фавқ далолат мекунад, ин аст, ки баъди он оят масъалаи каниз зикр гардидааст ва маълум мешавад, ки он доир ба занони озод буд.

## ОЯТИ САВВУМ:

وَٱلَّذِينَ هُمۡ لِفُرُوجِهِمۡ حَٰفِظُونَ ۝٥ إِلَّا عَلَىٰٓ أَزۡوَٰجِهِمۡ أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ فَإِنَّهُمۡ غَيۡرُ مَلُومِينَ ۝٦ فَمَنِ ٱبۡتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡعَادُونَ ۝٧ [المؤمنون ٥-٧]

«Мӯъминон касонеанд, ки андомҳои худро нигоҳ медоранд, магар аз занҳояшон ва канизҳояшон, ки дар ин ҳолат онон маломат карда намешаванд. Пас ҳар кӣ зиёда аз онро хоҳад, пас онон таҷовузкунандагони ҳудуди илоҳӣ мебошанд». (Сураи Мӯъминун, 5-7)

Тирмизӣ бар боби «Ҳаром будани мутъа» ривоят мекунад, ки вақте ин оят нозил шуд, Ибни Аббос гуфт: «Баъд аз ин ҳар фарҷи зане ҷуз ҳамсар ва каниз ҳаром аст.» (Сунани Тирмизӣ, 1125)

Худованд дар ин оят танҳо наздикӣ кардан бо ҳамсар ва канизро иҷоза медиҳад. Шакке нест, ки мутъакунанда аз ин ду хориҷ аст. Зеро агар гӯем, ки зани мутъа ҳамсар аст, пас бояд аз шавҳараш

мерос гирад, идда пас аз вафоташ воҷиб шавад ва се талоқ низ маҳсуб гардад. Худованд ин ҳукмҳоро доир ба ҳамсар нозил кардааст. Чун лавозими никоҳ дар мутъа вуҷуд надорад, пас он никоҳи ботил аст. Зани мутъашаванда на ҳамсар аст ва на каниз, пас бо далолати ин оёт мутъа ҳаром аст. Фарзанде, ки аз ин никоҳ мутаваллид мешавад валади зино аст, на ба он мард илҳоқ мегардад ва на аз ӯ мерос мегирад. Зеро чизе аз аҳкоми заношӯӣ дар мутъа вуҷуд надорад ва он никоҳи ҳалол маҳсуб намегардад.

Имом Шофеъӣ мегӯяд, ки ин оят инчунин далолат мекунад, ки ихроҷӣ манӣ бо даст ҳаром аст.

ОЯТИ ЧАҲОРУМ:

وَلۡيَسۡتَعۡفِفِ ٱلَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا حَتَّىٰ يُغۡنِيَهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضۡلِهِۦۗ

...﴿٣٣﴾ [النور ٣٣]

«Касоне ки наметавонанд издивоҷ кунанд, бояд сабр кунанд ва покдоманӣ пеша кунанд, то вақте ки Худованд ононро аз фазлаш бениёз гардонад». (Сураи Нур; 34)

Чун қудрати зангирӣ надорад, пас илоҷ он аст, ки сабр кунад ва домани худро бо амалҳои фаҳшу ҳаром олуда накунад, то Худованд шароити издивоҷро муяссар кунад. Агар мутъа ҳалол мебуд, зарурате набуд, ки Худованд ба интизорӣ ва покӣ амр кунад.

Ояти панҷум, шашум, ҳафтум, ҳаштум...

Хулоса ҳар як ояте, ки дар мавзӯи никоҳ, талоқ, идда ва мерос нозил шудааст, ба

ҳаром ва мансух будани мутъа далолат мекунад. Зеро мутъа на никоҳу шоҳидро эътироф мекунад ва на талоқу меросро. Чунончи Ибни Ҳиббон дар «Саҳеҳ»-аш аз Абу Ҳурайра ривоят мекунад: «Мутъаро никоҳ, талоқ, идда ва мерос нобуд сохт».

## 2. ТАҲРИМИ МУТЪА ДАР ҲАДИС

**Аз «Саҳеҳи Бухорӣ»:**

Бухорӣ дар боби «Охирин амри паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) наҳй аз мутъа буд» меорад:

Абу Ҷамра мегӯяд: «Ибни Аббосро шунидам, ки аз мутъа пурсида мешуд, пас рухсат дод. Мавлои ӯ гуфт: Он дар ҳолати шиддат ва дар ҳолати кам будани занон аст. Ибни Аббос гуфт: Оре». (5116).

Зӯҳрӣ аз Ҳасан ва ӯ аз падараш Муҳаммад ва аз амӯяш Абдуллоҳ ва онон аз падарашон Алӣ ибни Абу Толиб (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунанд, ки ӯ ба амӯзодааш Ибни Аббос гуфт:

«Наҳй карданд паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) замони Хайбар аз

мутъа ва аз гӯшти хари хонагӣ». (Саҳеҳи Бухорӣ, 5115)

Бухорӣ ривоётеро зикр мекунад, ки ба маъмул будани мутъа дар аввали Ислом ишора мекунад:

- Саламаи Акваъ (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: «Дар лашкар будем. (Яъне замони фатҳи Макка) Фиристодаи паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба назди мо омаду гуфт: Ба шумо изн дода шуд ба мутъа кардан, пас мутъа кунед!»

- Саламаи Акваъ (разияллоҳу анҳу) аз расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад: «Кадом марду зане чун иттифоқ карданд, пас ишрати онон се шаб аст, агар хоҳанд, ки боз зиёд созанд ва ё тарк кунанд, пас тарки ҳамдигар

кунанд». Салама мегӯяд: «Намедонам, ки он хос барои мо буд ва ё ба оммаи мардум!?»

Бухорӣ пас аз зикри инҳо, ривоят мекунад, ки Абуабдуллоҳ гуфт: «Ба таҳқиқ Алӣ (разияллоҳу анҳу) аз паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мансух (ҳаром) будани мутъаро баён кард.» (Саҳеҳи Бухорӣ, поёни ривояти 5119)

**Аз «Саҳеҳи Муслим»:**

Муслим дар боби «Мутъа мубоҳ буду пас аз он мансух шуд, боз мубоҳ шуду пас аз он мансух шуд ва то рӯзи қиёмат ҳаром гардид» меорад:

- Иёс ибни Салама аз падараш ривоят мекунад, ки гуфт: «Паёмбар (саллаллоҳу

алайҳи ва саллам) рухсат дод ба мутъа соли Автос се рӯз, сипас аз он наҳй кард.» (Саҳеҳи Муслим, 3404).

- Рабеъ ибни Сабраи Ҷуҳанӣ аз падараш меорад, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо барои мутъа изн дода буд. Сипас паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз он манъ карда фармуд: «Ҳар кӣ дар назди ӯ аз занони мутъа бошад, пас онҳоро раҳо созад». (Саҳеҳи Муслим, 3405)

- Абдулъазиз ибни Умар гуфт: Паёмбарро дидам, ки байни рукни Каъба ва дари он рост истода буду мегуфт: «Эй мардум! Ман ба шумо мутъаи занонро изн дода будам. Ҳароина Худованд онро то ба рӯзи қиёмат ҳаром кард. Ҳар кӣ чунин занон

наздаш бошанд, пас онҳоро раҳо созад ва аз ончи ба онҳо додаед, нагиред!» (Саҳеҳи Муслим, 3409)

Ва боз алфозеро ба ин маъно ривоят мекунад:

- «Амр карда буд паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) моро ба мутъа соли фатҳи Макка ва пеш аз он, ки аз Макка хорич шавем аз он наҳй кард». (Саҳеҳи Муслим, 3410)

- «Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) найҳ карданд аз никоҳи мутъа.» (Саҳеҳи Муслим, 3412)

- Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: «Бидонед, ки мутъа ҳаром аст, аз ин рӯз то ба рӯзи қиёмат.» (Саҳеҳи Муслим, 3416).

**Аз «Сунан»-и Абу Довуд:**

Абу Довуд аз Зӯҳрӣ ривоят мекунад, ки гуфт: Назди Умар ибни Абдулъазиз доир ба мутъа сӯҳбат мекардем. Марде бо номи Рабеъ гуфт: Гувоҳӣ медиҳам бар падарам Сабра (разияллоҳу анҳу), ки ӯ аз расулуллоҳ ҳадисеро ривоят кард: «Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳаҷҷи видоъ аз мутъа наҳй кард.» (Сунани Абу Довуд, 2072).

Абу Довуд боз ривояти дигареро бо ин маънӣ меорад. (Сунан, 2073).

**Аз «Сунан»-и Тирмизӣ:**

Тирмизӣ пас аз зикри ривояти Алӣ (разияллоҳу анҳу) доир ба наҳй аз мутъа

ва хари аҳлӣ дар Хайбар (Сунан, 1124), мегӯяд:

«Дар ин боб аз Сабра (разияллоҳу анҳу) ва Абу Ҳурайра (разияллоҳу анҳу) низ ҳадиси саҳеҳ ривоят шудааст, ки аҳли илм аз саҳобагон ва ғайраҳо ба он амал карданд. Аз Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) чизе аз рухсат дар ин мавзӯъ нақл шудааст, ки ӯ боз аз он қавлаш баргаштааст, вақте аз паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ доир ба он хабар дода шуд». (Сунани Тирмизӣ, ҷ:2, боби 28, саҳ: 365).

Тирмизӣ ривояти дигареро аз Суфёни Саврӣ меорад, ки Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Мутъа дар аввали Ислом буд. Мард агар ба шаҳре

меомад ва касеро намешинохт, бо ягон зане издивоҷ мекард ба миқдоре аз мол, ки ба раъйи ӯ барои қиёми ҳоҷатҳояаш кофӣ бошад. Он зан чизҳои ӯро муҳофизат мекард ва корҳои ӯро ба ислоҳ меовард. То он, ки ин оят нозил шуд:

إِلَّا عَلَىٰٓ أَزۡوَٰجِهِمۡ أَوۡ مَا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُهُمۡ فَإِنَّهُمۡ غَيۡرُ مَلُومِينَ ۝٦ [المؤمنون ٦]

«Мӯъминон касонеанд, ки андомҳои худро нигоҳ медоранд, магар аз занҳояшон ва канизҳояшон.» (Сураи Муъминун, 6).

Ибни Аббос гуфт: «Пас ҳар фарҷе, ҷуз зану каниз ҳаром аст.»» (Сунани Тирмизӣ, 1125).

**Аз «Сунан»-и Насоӣ:**

Насоӣ аз Ҳасан ибни Муҳаммад ривоят мекунад: «Алӣ (разияллоҳу анҳу) хабар ёфт, ки марде мегӯяд, ки мутъа боке надорад. Ба он шахс гуфт: Ту марде ҳайратзада ва берун аз роҳи ростӣ! Ҳароина, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мутъа ва хари аҳлиро рӯзи Хайбар ҳаром гардонидааст.» (Сунани Насоӣ, 71/3365).

Насоӣ ба ин мазмун боз ду ривояти дигар (3366, 3367)-ро зикр мекунад.

Ривояти дигареро аз Сабраи Ҷуҳанӣ (разияллоҳу анҳу) меорад, ки гуфт: «Вақте паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) изни мутъаро доданд, ман бо марде ба сӯи зане аз қабилаи Бани Омир раҳсипор шудем. Он зан гуфт: Чӣ медиҳед? Ҳар як

аз мо гуфтем: Ридо (ҷома)-амро. Ридои дӯстам беҳтар аз ридои ман буд ва ман ҷавонтар аз ӯ будам. Чун он зан ба ридои ӯ назар мекард, писандаш меомад ва чун ба ман менигарист маро меписандид. Гуфт: Ту ва ридои ту кофист! Бо ӯ се рӯз будам. Сипас расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: «Касе наздаш аз занони мутъа бошад, пас онҳоро раҳо созад!» (Сунани Насоӣ, 3368).

Ин қисса дар Саҳеҳи Муслим (3406) низ омадааст ва дар он зикр шудааст, ки он ҳодиса дар замони фатҳи Макка буд.

**Аз «Сунан»-и Ибни Моҷа:**

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Эй мардум! Ман ба

шумо мутъаи занонро изн дода будам. Ҳароина, Худованд онро то ба рӯзи қиёмат ҳаром кард. Ҳар кӣ чунин занон наздаш бошанд, пас онҳоро раҳо созад ва аз ончи ба онҳо додаед, магиред!» (Сунани Ибни Моҷа, 44/1962)

Ибни Моҷа аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад: Вақте Умар (разияллоҳу анҳу) халифа шуд, дар хутбааш ба мардум гуфт: «Изни мутъа аз паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) се бор буд, сипас онро ҳаром гардонид. Қасам ба Худо, ки агар бидонам, ки шахси мӯҳсине (оиладор) мутъа кардааст, пас ӯро сангсор хоҳам кард, магар ин, ки чор шоҳид биёрад ва гувоҳӣ диҳанд, ки паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

баъди он ҳаром карданаш боз ҳалол карда бошад.» (Сунани Ибни Моҷа, 44/1963).

Қиссаи Сабраи Ҷуҳанӣ бо дӯсташ, ки дар Сунани Насоӣ (3368) ва Саҳеҳи Муслим (3408) омадааст, зикр шудааст, ки он ҳодиса дар замони фатҳи Макка буд. Ибни Моҷа низ ин қиссаро ривоят кардааст, дар он ба ҷои «фатҳи Макка» «Ҳаҷҷи видоъ» зикр шудааст, ки ин ғалат аст.

Албонӣ дар китобҳои «Ирвоул ғалил» (1901, 1902) ва «Силсилаи аҳодиси саҳеҳ» (381) ва китоби «Заъифи Ибни Моҷа» (саҳ:149) зикр мекунад, ки ин ривояти Ибни Моҷа саҳеҳ аст, ба ҷуз лафзи «ҳаҷҷи видоъ», ки саҳеҳ нест. Ривояти дуруст лафзи «фатҳи Макка» аст.

**Таҳрими мутъа дар дигар китобҳои ҳадис:**

Ончи аз ривоёти таҳрими мутъа дар саҳеҳайн ва сунани чоргона зикр кардем, дар тамоми китобҳои дигари ҳадис низ мазкур аст.

Ибни Ҳиббон дар «Саҳеҳ»-аш аз Абу Ҳурайра ривоят мекунад, ки паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Мутъаро никоҳ, талоқ, идда ва мерос нобуд сохт«.

Ин ҳадисро Байҳақӣ низ дар «Сунан» аз Саъид ибни Мусаййаб ва Дорақутнӣ (3/259) аз Абу Ҳурайра (разияллоҳу анҳу) низ ривоят мекунанд.

Ибни Ҳаҷар ин ҳадисро ҳасан гуфтааст.

Шавконӣ пас аз таҳлили ҳадис мегӯяд: Ин ҳадис бо шоҳидҳои он ҳасан аст, ки салоҳияти истидлолӣ дорад. (Найл-ул-автор, ҷ:6, саҳ:144).

## 3. КАЛОМИ САҲОБАГОН ДАР ТАҲРИМИ МУТЪА

Умари Хаттоб (разияллоҳу анҳу) дар айёми хилофаташ бар минбари Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳаром будани мутъаро эълон кард ва аз он наҳй фармуд. Ин наҳйи Умар (разияллоҳу анҳу) иҷтиҳоди ӯ набуд, балки мувофиқ ва тобеи наҳйи расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд, ки собит шуд. Саҳобагон бо ӯ мувофиқат карданд, ҳатто ононе, ки пеш аз наҳйи ӯ бинобар нарасидани хабари наҳйи расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онро мубоҳ мепиндоштанд, мисли Ҷобир ва ғайра, баъд аз наҳйи ӯ аз он бозистоданд. Маълум буд, ки ҷамъи

асҳоб ҳаргиз ба хатои Умар (разияллоҳу анҳу) ва ё шахси дигаре мувофиқат намекарданд ва ин далели он аст, ки ҳаром будани он байни асҳоб маълум ва равшан буд. Ривоёти мутавотир ва машҳур далолат мекунад, ки мутъа баъди ҳалол гаштанаш боз ҳаром гардид ва пас аз он ҳаргиз изни он дода нашуд, он ҳукм «то ба рӯзи қиёмат» буд.

Уламои аҳли суннат қавли Алӣ (разияллоҳу анҳу)-ро доир ба ҳаром эълон шудани он аз тарафи паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ғазваи Хайбар, қабул карданд ва дар он шакке эҷод накарданд. Аммо шиа ба қавли Алӣ (разияллоҳу анҳу) мухолифат карданд ва қавли мухолифони ӯро пазируфтанд, дар

ҳоле, ки даъвои пайравии ӯро доранд. Замони хилофати Алӣ (разияллоҳу анҳу) низ собит месозад, ки ӯ ба ин ҳукм пойфишорӣ мекард ва касеро иҷоза намедод, ки мутъа кунад ва ё онро ҷоиз шуморад.

Ибни Моҷа аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки гуфт: Вақте Умар (разияллоҳу анҳу) халифа гардид, хутба карду гуфт: «Ҳароина Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо се рӯз мутъаро изн дода буд, сипас онро ҳаром гардонид.»

Байҳақӣ аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад: «Умар (разияллоҳу анҳу) дар хутбааш мегуфт: Чӣ шуд ба он мардон, ки мутъа мекунанд, баъд аз он, ки

паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз он наҳй фармуданд?»

Абдураззоқ аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят мекунад, ки гуфт: «Мутъаро талоқу идда ва мерос мансух гардониданд».

Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: «Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) се бор ба мутъа иҷоза дода буданд, сипас онро ҳаром эълон карданд. Қасам ба Худо, агар шахси мӯҳсинеро дарёбам, ки мутъа кардааст, сангсораш хоҳам кард».

Аз Абдуллоҳ ибни Аббос ривоят кардаанд, ки ӯ мутъаро танҳо дар ҳолати зарурат раво медонист. Аз ӯ собит

нашудааст, ки мутлақан ба раво будани он фатво дода бошад.

Хаттобӣ ривоят мекунад, ки Саъид ибни Ҷубайр гуфт: Ба Ибни Аббос гуфтам, ки оё медонӣ, чӣ кардӣ ва ба чӣ фатво додӣ? Бо фатвои ту савор шуданду рафтанд ва шоирон чиҳо гуфтанд? (Сипас ашъорро қироат кард) Ибни Аббос гуфт: «Инно лиллоҳ! Қасам ба Худо, ки ба он фатво надодаам ва ҳаргиз онро нахостаам. Ман онро ҳалол ва раво нашуморидаам, магар ба мисли ҳалол шуморидани гӯшти худмурдаву хун ва гӯшти хук, ки ба ҷуз ҳолати зарурат ба касе раво нест. Он монанди худмурдаву хун ва гӯшти хук аст».

Ибни Шиҳоб аз Урва ривоят мекунад, ки саҳобаи гиромӣ Абдуллоҳ ибни Зубайр (разияллоҳу анҳу), (ки ба дифоъ аз Ҳусайн (разияллоҳу анҳу) бархоста буд, дар айёми хилофаташ) дар Макка истоду фармуд: «Баъзе аз мардумон, ки Худованд дилҳои ононро ба мисли чашмонашон кӯр кардааст, ба мутъа фатво додаанд.» Мардеро кашон оварду гуфт: «Ту фосиди ҷафокор!.. Мутъаро таҷриба мекунӣ? Қасам ба Худо! Агар мутъа кардӣ, туро сангсор хоҳам кард.» (Саҳеҳи Муслим, 3415).

Ибни Абу Амра (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: Ба мутъа дар аввали Ислом рухсат буд дар ҳоли зарурат. Сипас Худованд диншро қавӣ гардонид ва аз он наҳй

кард.» (Саҳеҳи Муслим, боби «Ҳаром шудани мутъа то Рӯзи Қиёмат)».
Ибни Шиҳоб мегӯяд: Рабеъ ибни Сабраро дар назди халифа Умари Абдулъазиз дидам, ки ҳадиси наҳй аз мутъаро аз падараш, (ки саҳобӣ буд) ривоят мекард. (Саҳеҳи Муслим, боби «Ҳаром шудани мутъа то рӯзи қиёмат)».
Муҳаммад ривоят мекунад, ки падараш Алӣ ибни Абу Толиб (разияллоҳу анҳу) шунид, ки Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) доир ба мутъа бо нармӣ сухан мекунад. Ба ӯ гуфт: «Эй Ибни Аббос! Ором бош! Ҳароина, Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз мутъаи занон ва аз гӯшти хари аҳлӣ замони Хайбар наҳй карда буданд.» (Саҳеҳи Муслим, 3420).

# 4. КАЛОМИ УЛАМО ДАР ТАҲРИМИ МУТЪА

Байҳақӣ дар «Сунан»-аш аз Ҷаъфари Содиқ ривоят кардааст, ки ҳар гоҳ аз ӯ доир ба мутъа суол карданд, ӯ посух дод: «МУТЪА АЙНАН ЗИНО АСТ».

Ибни Мунзир мегӯяд: «Касе мутъаро ҳалол намедонад, магар баъзе аз рофиза. Қавле, ки мухолифи Қуръону суннат бошад, маъние надорад».

Абуавона дар «Саҳеҳ»-аш меорад, ки Ибни Ҷурайҷ баъд аз он, ки дар Басра ба ҷавози мутъа истидлол меоварад, аз қавлаш баргашт.

Қуртубӣ мегӯяд: Тамоми ривоёт муттафиқ бар инанд, ки замони изн ба мутъа тӯл накашид ва он ҳаром гардид.

Тамоми уламои салафу халаф ба ҳаром будани он иҷмоъ кардаанд, ба ҷуз тоифаи рофиза.

Рофиза ба баъзе аз асҳоб ва тобеъин бардурӯғ ин қавлро нисбат додааст, ки гӯё онон мутъаро мубоҳ шуморида бошанд. Абдураззоқ бо иснодҳои саҳех собит месозад, ки ин тӯҳмат нисбати онон саҳеҳ нест. Ибни Ҳаҷар низ бо эроди ривоёт тӯҳмат будани ин қавлро собит месозад. (Бингаред: Фатҳ-ул-борӣ, ҷилди 10, саҳ: 6047-6048, охири боби наҳй аз никоҳи мутъа).

## БАҲСИ ИЛМИ АТРОФИ РИВОЁТ

Маҷмуъи тамоми ривоятҳо, ки доир ба изн ва наҳйи мутъа ривоят шудаанд, шаш

мавзеъро зикр мекунанд: Хайбар, Умраи қазо, Фатҳи Макка, ғазваи Автос, ғазваи Табук, Ҳаҷҷи видоъ. Дар ривояте Ҳунайн низ зикр шудааст, ки он ва ғазваи Автос яке аст.

**Якум: Ғазваи Хайбар**

Чаро Алӣ (разияллоҳу анҳу) барои истидлол алайҳи Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) ҳаром шудани он дар Хайбарро зикр кард, дар ҳоле, ки баъд аз он дар фатҳи Макка низ он дубора баъди изн ҳаром гардид?

Аввал ин, ки шояд изни Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар фатҳи Макка ва тахрими ӯ ба Алӣ (разияллоҳу анҳу) нарасида бошад.

Дуввум ин, ки он изнро агар ҳамаи саҳобагон мешуниданд, ривоят мекарданд. Ҳол он, ки ҷуз ду ё се нафар касе онро ривоят накардааст.

Саввум ин, ки он изн танҳо ба муддати се рӯз буд, ки дар ин муддати кам хабардор шудани бузургони асҳоб аз он, дар ҳоле, ки ба идораи лашкар ва набардҳои шадиди дар пеш истода омодагӣ медиданд, аз эҳтимол дур буд. Мавзӯи мутъа дар он лаҳзаҳои ҳалкунандаи таърихӣ барои онон аҳамияте надошт.

Чаҳорум ин, ки ҳатто ононе, ки изни мутъаро шуниданд, худ гумон мекарданд, ки ин изн хос барои онон буд ва ё ба ҳамагон? Тавре, ки ривояти Бухорӣ аз

Салама ибни Акваъ (5116) ба ин ишора мекунад.

Ба субут нарасидааст, ки асҳоб дар ғазваи Хайбар пеш аз наҳй мутъа карда бошанд. Ин далели он аст, ки мутъа пеш аз Хайбар мубоҳ буд. Ривояти Ибни Масъуд низ ба ин далолат мекунад: «Ғазва мерафтем дар ҳоле, ки чизе надоштем. Ба мо рухсат буд, ки ба ивази як либос занеро никоҳ кунем».

**Дуввум: Умраи қазо**

Абдураззоқ аз Ҳасани Басрӣ ривоят кардааст: «Мутъа дар умраи қазо ҳаром шуд, на қабл аз он ва на баъд аз он».

Ин ривоят мункар ва сахт заъиф аст, зеро онро ровии дуруғгӯ Амр ибни Убайд

ривоят мекунад, ки ӯро муҳаддисон «соқит-ул-ҳадис» мегӯянд.

Ибни Ҳаҷар мегӯяд: Амри Убайд муътазилии машҳур буд, ки ба сӯи бидъаташ даъват мекард. Муҳаддисон ӯро муттаҳам шуморидаанд. (Тақриб-ут-таҳзиб, 5071, сах:361)

Ҳар ривояте, ки аз Ҳасани Басрӣ омадааст, асаре аз он саҳеҳ нест, зеро ҳамаи он мурсал аст ва мурсалҳои Ҳасан билкул заъифанд, бинобар он, ки ӯ аз ҳар касе бе таҳқиқ ривоятҳо кардааст. Инро муҳаддисон тақрир кардаанд. (Тақриб-ут-таҳзиб, 1227, саҳ:99(

## Саввум: Фатҳи Макка

Ҳаром гаштани он дар фатҳи Макка машҳур аст ва он охирин ҳукм буд. Чунончи аз ривоятҳои Муслим (3410) ва дигарон маълум мегардад. Дар он ҳаром шудани мутъа бо лафзи «То рӯзи қиёмат» баён шудааст. Ин ишораи он аст, ки ҳаром шудани он пеш аз фатҳ муваққатӣ буд, зеро пас аз он ҳангоми фатҳ дубора ба он изн дода шуд ва пас аз чанд рузе ҳукми охирини ҳаром будани он содир шуд.

**Чаҳорум: Ғазваи Автос**

Аммо ривояте, ки онро дар соли Автос мегӯяд, он мувофиқи ҳамон ривоётест, ки онро дар фатҳи Макка мегӯянд. Зеро дар ривоят «соли Автос» омадааст, на «рӯз»,

на «замон» ва на «ғазваи Автос». Фатҳи Макка низ дар соли Автос буд. Чизи дигаре, ки далолат кардани он ду ривоят ба як ҳодисаро ифода мекунад, ин аст, ки дар ҳар ду ривоят омадааст: «Танҳо ба муддати се рӯз изн дод». Ғазваи Автос дар мохи Шаввол, баъди як моҳи фатҳ буд, ба андозае шӯҳрат ёфта буд, ки бисёре аз асҳоб он солро «соли Автос» меномиданд.

Имконнопазир аст, ки он ду ҳодиса бошад, зеро дар ривоёти саҳеҳ омадааст, ки дар фатҳи Макка «мутъа то рӯзи қиёмат ҳаром шуд». Эҳтимоле нест, ки ба он дубора дар рӯзи Автос рухсат шуда бошад. Ривояте ба ин далолат намекунад ва он хилофи воқеъ аст.

**Панҷум: Ғазваи Табук**

Ривояти Табукро Исҳоқ ибни Роҳавейҳ ва Ибни Ҳиббон аз ҳадиси Абу Ҳурайра меоранд, ки гуфт: Вақте паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Сания (ақаба)-и Видоъ расиданд, диданд, ки чароғҳо фурӯзон ва заноне гиря доранд. Гуфт: Ин чист? Гуфтанд: Занҳое ҳастанд, ки ин мардон бо онон мутъа карда буданд. (Яъне дар замони гузашта) Фармуд: «Мутъаро никоҳ, талоқ ва мерос нобуд сохт».

Ҳозимӣ аз ҳадиси Ҷобир меорад, ки гуфт: «Ҳамроҳи паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ғазваи Табук баромадем. Вақте ба Ақаба, ки наздики Шом буд расидем, назди мо заноне, ки пеш аз он бо онон

мутъа карда будем, омаданд ва атрофи мо давр заданд. Онро ба паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додем. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ғазаб шуд. Бархосту хутбае карду баъди ҳамду сано гуфт: «Мутъа ҳаром аст». Бо он занон видоъ кардем, ки аз он пас он мавзеъро санияи «Видоъ» меномидем«.

**Ин ду ривоят саҳеҳ нестанд:**

**Якум:** Ҳадиси Абу Ҳурайра саҳеҳ нест, зеро онро Муаммал ибни Исмоил аз Икрима ибни Аммор ривоят мекунад, ки ин ду ровӣ дар назди муҳаддисон мақбул нестанд.

Ибни Ҳаҷар хулосаи каломи муҳаддисонро аз китобҳои риҷол дар шаъни ӯ зикр мекунад: Муаммал ибни Исмоил заъиф аст. (Тақриб-ут-таҳзиб, саҳ:487).

**Дуввум:** Ҳадиси Ҷобир низ саҳеҳ нест. Зеро ровии он Ибод ибни Касир аст, ки Ибни Ҳаҷар дар шаъни ӯ мегӯяд: ӯ дар назди муҳаддисон матрук (тарккардашуда) аст. Имом Аҳмад мегӯяд: ӯ ҳадисҳои дурӯғро ривоят кардааст. (Тақриб-ут-таҳзиб, саҳ:233).

**Ба фарзи он, ки ин ҳадисҳо аз эътибор холӣ нест, мегуем:**

Дар ҳар ду ривоят баён мегардад, ки онон қабл аз ҳодисаи Табук мутъа карда

буданд, на дар он замон. Бинобар ин он занон асҳобро шинохта ба пешвозашон баромаданд. Маълум аст, ки мутъа қаблан раво буд. Дар Табук бо он занон видоъ (хайрухуш) карданд, вале мутъа накарданд. Далели он, ки паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) қаблан аз мутъа наҳй карда буданд, ин аст, ки аз омадани он занон сахт дар ғазаб шуданд ва ба онон, ки наҳйро нашунида буданд, дар хутбаи худ ҳаром будани онро дубора таъкид карданд. Дар он хутба далелҳои дигареро аз қабили никоҳу талоқ ва мерос зикр карданд, ки ба ҳаром будани мутъа далолат мекунад. Ҳамаи оятҳое, ки аҳкоми никоҳ, талоқ ва мерос дар он баён

шудааст, пеш аз ғазваи Табук нозил шуда далели ҳаром будани мутъа аст.

Ин қисса далолат мекунад, ки мутъа дар сафар низ ҳаром аст, бо вуҷуди эҳтиёҷ ва зарурат ба он. Зеро ин қисса замоне рӯх дода буд, ки онҳо нав ба сафари тӯлонӣ баромада буданд, дар ибтидои сафар буданд ва дар он машаққатҳои зиёде буд. Ҳолати зарурату шиддат ва набудани занон, ки Ибни Аббос онро иллати мубоҳ будани мутъа шуморидааст, дар ин макон мансух гашт. Зеро баъди ҷанги Табук ҳеҷ ҳолате шадидтар аз он ба асҳоб рух надод.

**Шашум: Ҳаҷҷи видоъ**

Абу Довуд аз Рабеъ ривоят мекунад: «Наҳй кард паёмбар (саллаллоҳу алайҳи

ва саллам) дар ҳаҷҷи видоъ аз мутъаи занон.» (Сунан, 2072, 207).

Дар ин ривоят танҳо зикри наҳй омадааст. Ҳеҷ ишколе нест, ки паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мутъаро, ки дар фатҳи Макка манъ карда буд, дар ҳаҷҷи видоъ низ мамнуъ будани онро таъкидан зикр карда бошад, то хабари наҳй аз мутъа интишор гардад ва нашунидагон низ шунаванд. Зеро гурӯҳе аз асҳоб дар маконе ҳамнишини паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мешуданд, дар ҳоле, ки гурӯҳи дигаре аз асҳоб онҷо ҳузур надоштанд ва ё он ҳангом ба масъулияти дигаре раҳсипор шуда буданд. Инчунин ба барпо доштани намоз такрор ба такрор амр мекард ва дар

хутбаи ҳаҷҷи видоъ низ ба он таъкидан амр кард.

Аз ин ривоятҳо доир ба шаш мавзеъ, ки дар он сухан аз изн ва наҳйи мутъа меравад, баъди ин баҳс маълум шуд, ки танҳо ду мавзеъи он саҳеҳ аст: Хайбар ва фатҳи Макка, ки дар ин ду мавзеъ наҳй баъд аз изн ворид шудааст. Собит шуд, ки найҳ дар ҳаҷҷи видоъ таъкидӣ буд.

Муслим низ ба ин асос дар «Саҳеҳ»-аш боби мутъаро чунин ном гузоштааст: «Мутъа мубоҳ буду пас аз он мансух шуд, боз мубоҳ шуду пас аз он мансух шуд ва то рӯзи қиёмат ҳаром гардид».

Имом Шофеӣ низ мегӯяд, ки мутъа ду бор мансух шуд. Ин қавл аз Нававӣ, Қози Аёз, Хаттобӣ, Ибни Ҳумоми ҳанафӣ ва

дигар олимони муҳаққиқ ва пажӯҳишгар зикр шудааст.

Баъди наҳйи мутъа дар фатҳи Макка изни он собит нашудааст ва наҳйи Умар (разияллоҳу анҳу) низ тобеъи наҳйи расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд.

Дар ягон ривоят ворид нашудааст, ки ба мутъа дар ҳолати муқимӣ рухсат шуда бошад, балки ҳамаи он пеш аз ҳаром шуданаш, ба ҳангоми сафари асҳоб буд.

Ҷобир (разияллоҳу анҳу) ва касоне, ки баъди наҳйи Умар (разияллоҳу анҳу) аз мутъа даст бардоштанд, эҳтимоли онро дорад, ки наҳйи он дар фатҳи Макка ба онон нарасида бошад. Дар ин мавзӯъ тасреҳи худи Ҷобир (разияллоҳу анҳу)

собит шудааст. (Найл-ул-автор, ҷ:6, саҳ:144).

## 5. ТАҲРИМИ МУТЪА ДАР МАЗҲАБИ ҲАНАФӢ ВА ДИГАР МАЗОҲИБИ АҲЛИ СУННАТ

Шакке нест, ки чор мазҳаби аҳли суннат дар мавзӯи ақида, ҳалолу ҳаром ва фарзу воҷибу суннатҳои муаккада бо ҳам ихтилофе надоранд. Ҳама аз ду сарчашмаи маъруфи Ислом Қуръону ҳадис истинботи масъала мекунанд. Ихтилофи ночизе, ки байни онон мушоҳида мешавад, аз фаҳму иҷтиҳодҳои мухталифи онон дар умурест, ки ба он далеле ворид нашудааст ва ё дар истинботи аҳком аз далели шаръӣ дар масоили макрӯҳ, суннатҳои мустаҳабба ва

нофилаҳо аст, ки ҳар як аз онҳо бо худ далелҳо доранд, ки ҳукм кардан ба носих ё мансух будани он амри муҳол аст, зеро он далелҳоест, ки аз садри Ислом ривоят шудаву таърихи он қайд нашудааст. Ихтилофи кӯчаке, ки байни онон дар масоили фаръӣ ба назар мерасад, ҳеҷ носозгорие дар шариати поки Ислом эҷод намекунад, зеро дар замони расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) низ байни асҳоб монанди он ба назар мерасид ва он ҳазрат низ ҳар ду тоифаро иқрор мекард ва дари иҷтиҳодро ба рӯи пайравони худ намебаст. Чунончи дар хондани намози аср дар Бани Қурайза ихтилоф карданд, қисме аз асҳоб онро дар роҳ хонданд ва қисми дигаре ба ин

пиндор, ки амри расули Худоро мухолифат накунанд, нахонданд ва он ҳазрат ҳар ду гурӯҳро иқрор кард. Бинобар ин пайравони ҳар як аз мазоҳиби аҳли суннат ҳамдигарро эътироф мекунанд, зеро дар асли дин қавлу эътиқоди онон яке аст.

Ин буд, ки дар масъалаи издивоҷи мутъа низ байни аҳли суннат кӯчактарин ихтилофе ба назар намерасад ва ин амал дар чаҳор мазоҳиб ба иҷмоъ ҳаром эълон шудааст.

Шайхул-Ислом Бурҳониддини Марғенонӣ дар китоби «Бидоят-ул-мубтадӣ» мегӯяд: «Никоҳи мутъа ва никоҳи муваққат ботил аст».

Муаллифи китоби «Ал-ҳидоя» (шарҳи «Бидоят-ул-мубтадӣ»), ки он яке аз машҳуртарин китобҳои фиқҳи ҳанафӣ мебошад, мегӯяд: «Никоҳи мутъа он аст, ки бо зани мутъашаванда мегӯяд: «Бо ту мутъа мекунам ба фалон муддат ба ивази фалон миқдор мол». Никоҳи мутъа ботил ва мансух аст. Мансух будани он ба иҷмоъи саҳоба собит шудааст. Инчунин собит шудааст, ки Ибни Аббос низ ба қавли онон руҷӯъ кардааст ва он тақрири иҷмоъ аст» (Ал-ҳидоя, китоби никоҳ, фасли муҳаррамот, ҷ:1, саҳ:190).

Дар китоби «Мухтасар» (Мухтасари Виқоя) низ омадааст: «Ва никоҳи мутъа ва никоҳи муваққат ҳаром аст.» (Мухтасар, китоби никоҳ, саҳ:53)

Муҳаммади Қудурӣ низ инро тақрир карда мегӯяд: Никоҳи мувaққат ва никоҳи мутъа ботил аст. (Тасҳил-уз-зарурӣ лимасоилил қудурӣ, ҷ:2, саҳ:5).
Ибни Ҳумоми ҳанафӣ дар китоби «Фатҳул қадир» ба ҳаром будани мутъа панҷ ҳадис аз «Саҳеҳ»-и Бухориву Муслим ва китобҳои сунан зикр карда мегӯяд: «Далели мансух будани мутъа он аст, ки паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар Хайбар ва дар фатҳи Макка онро ҳаром эълон карданд. Он ду бор насх шудааст».
Инчунин мегӯяд: «Дар шариати Ислом се чиз ду бори мансух шудааст: Мутъа, гӯшти хари аҳлӣ ва рӯй овардан ба байтул

муқаддас дар намоз.» (Фатҳул қадир, ҷ:3, саҳ:236-240).

Абдуллоҳ Мавсилии ҳанафӣ дар китоби «Ал-ихтиёр» мегӯяд: «Никоҳи мутъа ботил аст». (Ҷ:3, саҳ:19).

Муҳаддиси бузурги ҳанафӣ Ҷамолиддини Зайлаъӣ дар китоби «Насб-ур-роя ли-аҳодиси-л-ҳидоя», ки он аввалин китоби тахриҷи аҳодис дар олами Ислом ва муътабартарини он аст, ҳаждаҳ ривоятро доир ба ҳаром будани мутъа аз китобҳои муътабари ҳадис зикр намудааст. (Насб-ур-роя, ҷ:3, саҳ: 333-339).

# 6. ТАҲРИМИ МУТЪА ДАР КИТОБҲОИ ШИА

Ҳаром будани мутъа на танҳо дар китобҳои аҳли суннат, балки дар китобҳои муътабари шиа низ мазкур аст.

Амирулмӯъминин Алӣ ибни Аби Толиб (ъ) мефармояд: «Паёмбари Худо дар рӯзи ҷанги Хайбар гӯшти харони хонагӣ ва никоҳи мутъаро ҳаром гардонидаанд.» (Таҳзиб, 2/186. Истибсор, 3/142. Васоили шиа, 14/441).

Аз имом Содиқ (ъ) пурсида шуд: «Оё мусалмонон дар замони расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бидуни

шоҳид издивоҷ мекарданд? Фармуд: На.» (Таҳзиб, 2/189).

Тӯсӣ, ки аз уламои шиа аст, дар шарҳи ин ривоят мефармояд: Манзур аз суол никоҳи доимӣ нест, балки издивоҷи муваққат аст, бинобар ин ривояти мазкурро дар боби «Мутъа» овардааст».

Ибни Синон мегӯяд: Аз имом Содиқ (ъ) дар бораи мутъа пурсидам, фармуданд: «Нафси худро бо он олуда магардон!» (Биҳор-ул-анвор, 100/318).

Агар мутъа ҳалол мебуд ва ин қадар фазилат медошт, чаро имом Содиқ аз он чунин таъбир мекунанд?

Аз имом Содиқ сароҳатан ҳаром будани мутъа ривоят шудааст: Аз Аммор ривоят аст, ки гуфт: Имом Содиқ (ъ) фармуданд: «Ба таҳқиқ мутъа бар шумо ҳаром шудааст.» (Фуруъи Кофӣ, 2/48. Васоили шиа, 14/450).

Имом Содиқ ёрони худашонро ҳамеша сарзаниш мекард ва аз мутъа манъ карда мефармуд: «Оё яке аз шумо шарм намедорад, ки дар ҷои пинҳон ва шармоваре дида шавад ва ин амали зишти ӯ бародарони накӯкорашро бадном созад?!» (Фуруъи Кофӣ, 2/44. Васоили шиа, 14/450).

Имом Ризоро шахсе аз мутъа пурсид, фармуданд: «Туро бо мутъа чи кор аст. Худованд туро аз он бениёз кардааст.» (Фуруъи Кофӣ, 2/43. Васоили шиа, 14/449).

Дар ҳақиқат Худованд мусалмононро бо издивоҷи доимӣ аз мутъа бениёз кардааст.

Собиқан ривоётеро аз китобҳои шиа дар ҷоиз будани мутъа дар назари онон ва тарғиби он зикр кардем. Ин чост, ки миёни ду амри ба ҳам зид қарор мегирем. Аз як сӯ ривоятҳои сареҳ ва равшан, ки ҳаром будани мутъаро собит мекунанд ва аз сӯи дигар ривоятҳое, ки ба имомҳои аҳли байт мансуб аст, ки амал ва тарғиб

ба онро собит месозанд. Ҳақиқат ин аст, ки мутъа ҳатто дар китобҳои шиа низ ҳаром аст, чунончи нақли сареҳи Али (разияллоҳу анҳу) ҳаром будани онро собит мекунад. Тавре ки хонанда огоҳ шуд, ин ривоят дар тамоми китобҳои муътабари аҳли суннат низ зикр шудааст. Пас ин ривоят, ки ҳам аҳли суннат ва ҳам шиа онро аз Алӣ (разияллоҳу анҳу) ба як лафз ривоят кардаанд, ҳаром будани мутъаро бо сароҳат таъкид мекунад. Шиа ҳангоми ихтилоф каломи касеро бар каломи Алӣ (разияллоҳу анҳу) муқаддам намедонанд. Аз ӯ собит шудааст, ки он издивоҷ мансухшуда аст, пас чаро қабул надоранд?!

Аммо ривоёти мутаноқизе, ки дар китобҳои шиа ба имомҳо нисбат дода шудааст ва ба мутъа тарғиб мекунад, саҳеҳ нест, балки ҳамаи он ривоятҳо бофтаву сохтаи ботилпарастон аст. Зеро имкон надорад, ки расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) онро ҳаром фармудаву Алӣ (разияллоҳу анҳу) ин хукмро накл кардааст, дар муқобил имомҳо, ки фарзандони ӯ ва ворисони илми ӯ ҳастанд бо ӯ мухолифат кунанд. Пас мумкин нест имомҳо ба чизе амр кунанд, ки расули Худо аз он наҳй кардаанд. Агар имом Ҷаъфари Содиқ ҳукми ҳаром будани мутъаро намедонист, ҳаргиз намефармуд: «Никоҳ бидуни шоҳид дуруст нест» дар ҳоле ки суол хос дар бораи мутъа аст.

Маълум мешавад, ки ин ривоятҳо бофтаи душманони Ислом аст, ки мақсади онон бадном кардани имомҳои аҳли байт будааст. Ва илло чигуна бояд тафсир кард, ки «ҳар кас мутъа накунад кофир аст». Дар ҳоле ки ҳатто аз як имом як бор ҳам собит нест, ки мутъа карда бошанд. Пас наузубиллоҳ, оё онон дар куфр буданд, чун тарки мутъа карданд?

## 7. ДАЛЕЛҲОИ АҚЛӢ

- Мутъа зарарҳои зиёди динӣ, фасодҳои иҷтимоъӣ ва разоили ахлоқӣ дорад, ки ба ҳамин далел ҳаром гардидааст.

- Максад аз он шаҳватронии маҳз буда аз зино фарқе надорад.

- Ривоятҳои дурӯғине, ки сохта ва бофта шудаву ба имомҳо нисбат дода шудааст, тӯҳмату иҳонат ва бе эҳтиромӣ ба онҳост.

- Мутъа мухолиф бо нусуси шариат аст, зеро он ҳалол кардани чизест, ки Худованд онро ҳаром кардааст.

- Ин издивоҷест, ки ба он ҳукмҳои дар Қуръон воридшуда оиди никоҳ, талоқ, идда ва мерос мухолифат мекунад.

- Онҳое, ки мутъаро барои худашон раво медонанд, бо обрӯи мардум бозӣ мекунанд. Агар касе мутъа кардан бо духтар ва ё хоҳари худи ононро дархост кунад, ҳаргиз розӣ нахоҳанд шуд. Зеро онро мисли зино медонанд ва барои оилаи худ нангу ор мешуморанд. Агар мутъа ҳалол ва дорои аҷру савоб бошад, чунончи даъво мекунанд, пас чаро иҷоза намедиҳанд, то дигарон низ бо духтарони онон мутъа кунанд?!

- Ин амали зишт барои решакан кардани бунёди хонавода кофӣ аст. Падар масалан наметавонад бар духтараш хотирҷамъ бошад, зеро имкон дорад, ки духтар бе огоҳӣ ва ризоияти хонавода бо марде мутъа кунад ва падари ноогоҳ ногаҳон мефаҳмад, ки духтари шавҳарнакардааш аз марде бордор аст ва он мард ӯро гузоштаву рафтааст!

- Мутъа як баҳона аст барои шахсони пастфитрат ва шаҳватпараст, ки барои розӣ сохтани хоҳишоти нафсонии худ дар ҷустуҷӯи занони фоҳиша ҳастанд ва бисёр вақтҳо хонаводаҳои баобрӯ ва диндоре мавриди сӯъистифодаи ин авбошон қарор мегиранд.

- Аҷибтараш он аст, ки мутъа ба як мард иҷозат медиҳад, ки дар як вақт ҳарчи қадар мехоҳад, мутъа кунад, ҳатто дар як вақт садҳо зан дар мутъаи марде бошад ишколе надорад. Оё ин амр метавонад шариати илоҳӣ бошад?!

- Мутъа бар зарари зан аст. Зеро зан мисли бозича ва матоъи кирояе мегардад, даст ба дасти мардони шаҳватпараст.

- Мутъа роҳро барои занон ва мардони авбош боз мекунад, то ҳар фисқу фуҷур ва гуноҳеро ба дин бичаспонанд, ки дар натиҷа обрӯи дин ва диндорон нобуд мегардад.

- Ҳадафи асосии шариат аз издивоҷи шаръи зиёдшавии насл ва муҳофизати ҳуқуқи фарзандон аст, ки дар издивоҷи мутъа ин чиз вуҷуд надорад.

- Мутъа ба кӯдаке, ки аз он таваллуд мегардад, низ зарарҳо дорад:

Якум: Намедонад, ки падари ӯ кадоме аз он мардон аст, ки бо модараш хобу хез кардаанд, ки ин ба рӯҳия ва шахсияти ӯ таъсири манфӣ ба ҷо мегузорад.

Дуввум: Аз манзили истиқоматӣ маҳрум ва дар ба дар мешавад ва дар натиҷа ба корҳои ношоям ва ҷаримаҳо даст мезанад.

Саввум: Бе парастор мемонад. Касе аз ӯ масъул нест, то ӯро адаб омӯзад. Аз тарбияи солим маҳрум мешавад ва хавфи он меравад, ки оянда аз ӯ ҷинояткоре ба вуҷуд ояд.

Агар дар мутъа хайру некӣ ва фоидае мебуд, ҳаргиз ҳаром намешуд.

Дини Ислом фазоили ахлоқӣ ва корҳои ҳамидаро ташвиқу тарғиб мекунад ва аз разоилу корҳои паст бозмедорад. Ислом масолеҳ ва манфиатҳоеро, ки зиндагии мардум бар асоси он устувор гардидааст, тақвият медиҳад. Издивоҷи мутъа ҳама пояҳои зиндагии иҷтимоиро суст ва заъиф мекунад ва агарчи барои фарде

лаззати лаҳзагие дошта бошад, табоҳӣ ва фасодҳои зиёдеро ба бор меоварад, ки ба ҷомеаи солим таъсироти манфӣ мерасонад.

Поёни сухани мо сано ва ситоиш ба Худованди яктост, ки парвардигори ҳамаи оламиён аст.

# КИТОБҲОЕ КИ АЗ ОН ИСТИФОДА ШУД:


1. Қуръони карим.
2. Саҳеҳи Бухорӣ.
3. Саҳеҳи Муслим.
4. Сунани Абу Довуд.
5. Сунани Насоӣ.
6. Сунани Тирмизӣ.
7. Сунани Ибни Моҷа.
8. Сунани Доракутнӣ.
9. Фатҳ-ул-борӣ.
10. Фатх-ул-қадир.
11. Шарҳи Фатх-ул-қадир.
12. Найл-ул-автор.
13. Тақриб-ут-таҳзиб.
14. Ал-Ҳидоя

15. Бидоят-ул-мубтади.
16. Мухтасар-ул-виқоя.
17. Ал-ихтиёр.
18. Тасхил-уз-зарурӣ.
19. Насб-ур-роя.
20. Маҷмаъ-уз-завоид.

**Китобҳои шиа:**

1. Ал-истибсор.
2. Ал-ниҳоя.
3. Биҳор-ул-анвор.
4. Васоил-уш-шиа.
5. Манҳаҷ-ус-содиқин.
6. Ман ло яҳзуруҳул фақеҳ.
7. Таҳзиб-ул-аҳком.
8. Таҳрир-ул-васила.
9. Фурӯъи Кофӣ.